# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни ҳуқуқ
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**1** **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ” барои имзо ва интишор ба кӣ пешниҳод карда мешавад?**

**A)** Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**B)** Ба Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**C)** Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**D)** Ба котиби матбуотии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**2** **Буҷети шаҳрак ва деҳот дар кадом шакл таҳия мегардад?**

**A)** фармоиши Ҷамоат

**B)** қарори Ҷамоат

**C)** таъиноти Ҷамоат

**D)** амри Ҷамоат

**3** **Ба нафақахӯрони коркунанда рухсатии бемузди меҳнатӣ ба таври ҳатмӣ дар асоси аризаашон ба кадом муҳлат дода мешавад?**

**A)** то 14-рӯзи тақвимӣ

**B)** то 2 моҳ дар як сол

**C)** то 7 рӯзи тақвимӣ

**D)** то 10 рӯзи тақвимӣ

**4** **Муҳлати камтарине, ки барои ҷазои маъмурии маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус татбиқ карда мешавад?**

**A)** як сол

**B)** шаш моҳ

**C)** даҳ рӯз

**D)** ду моҳ

**5** **Фасли V Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом масъала бахшида шудааст?**

**A)** ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ

**B)** ҷиноятҳо ба муқобили шахсият

**C)** хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон

**D)** ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ

**6** **Давомнокии иҷрои ҷазоро дар шакли корҳои ҳатмӣ барои ноболиғони то синни 16-сола муайян намоед.**

**A)** Аз як соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад.

**B)** Аз ду соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад.

**C)** Аз се соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад.

**D)** Аз чор соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**7** **Яке аз принсипҳои қонуниятро муайян намоед.**

**A)** баробарӣ дар назди қонун

**B)** эҳтимолияти бегуноҳӣ

**C)** ҷорӣ кардани назорати қатъӣ аз болои риояи қонун

**D)** ба таври ошкоро доир шудани мурофиаи судӣ

**8** **Барои ба вазифаи судяи суди шаҳр ва ноҳия таъйин шудан шахс бояд ҳадди ақал чанд сол собиқаи кори касбӣ дошта бошад?**

**A)** 3 сол

**B)** 5 сол

**C)** 7 сол

**D)** 10 сол

**9** **Кадом мақомоти байналмилалӣ дар ибтидои солҳои 70-уми асри XX ҳамчун форуми гуногунҷанба барои гузаронидани муколама ва музокирот байни Шарқ ва Ғарб дар давраи "ҷанги сард" баромад мекард.**

**A)** КБСС

**B)** ММАҲ (САҲА)

**C)** ЮНИСЕФ

**D)** ЮНИФЕМ

**10** **Ҳуқуқ ба таъмини зист аз ҷониби волидон ба кадом ҳуқуқи кӯдак дохил мешавад?**

**A)** амволӣ

**B)** шахсӣ

**C)** инфиродӣ

**D)** молиявӣ

**11** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Дар олам бисёр чизҳои бузург ҳастанд, вале аз одам бузургтар чизе нест. | **1)** Ҷ. Милл |
| **B)** Даст кашидан аз озодии худ ин даст кашидан аз шаъну эътибори инсонии худ, аз ҳуқуқи инсон, ҳатто аз уҳдадориҳо аст. | **2)** Софокл |
| **C)** Озодӣ ин ҳуқуқи шаҳрванд ба мустақилият аст, ки ба ҷомеа зарар намерасонад. | **3)** М. М. Сперанский |
| **D)** Озодӣ ва уҳдадориҳо дар назди ҷомеа бо ҳам зич алоқамананд. | **4)** Ж.Ж. Руссо |
| | **5)** Ҷ. Локк |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Оиннномаи Идораи Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо | **1)** 16-уми декабри соли 1966 |
| **B)** Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо | **2)** 28-уми сентябри соли 1954 |
| **C)** Конвенсия дар бораи мақоми апатритҳо | **3)** 28-уми июли соли 1951 |
| **D)** Протокол оид ба мақоми гурезаҳо | **4)** 14-уми декабри соли 1950 |
| | **5)** 1-уми августи соли 1975 |

**13** **Алоқаи устувори сиёсӣ-ҳуқуқии одам ва давлат, ки дар маҷмуи ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти байниҳамдигарии онҳо ифода мешавад.**
**Ҷавоб:** ______________________________

**14** **Навъҳои мақоми ҳуқуқии инсонро муайян кунед.**

**Ҷавоб:** ______________________________

**15** **Боздошти муваққатии (на бештар аз 72 соат) шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шудааст, чӣ ном дорад?**
**Ҷавоб:** ______________________________

**16** **Соҳаи махсуси фаъолияти ҳаётии инсон аст, ки аз ҷониби худи инсон мувофиқи эътиқоди ботинии ӯ назорат карда мешавад ва мақсади он қонеъ гардонидани талаботи шахсии ӯ мебошад.**
**Ҷавоб:** ______________________________

**17** **Мафҳуми "шахси воқеӣ" тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Ҷавоб:** ______________________________
______________________________

**18** **Патронаж тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чист?**

**Ҷавоб:** ______________________________

**19** **Молик ҳуқуқ дорад, ки ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона талаб карда гирад. Ин даъво мувофиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боз чӣ гуна номида мешавад?**
**Ҷавоб:** ______________________________

**20** **Муҳлати умумии даъво мувофиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Ҷавоб:** ______________________________

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

# ИСТИЛОҲОТ

**Истилоҳро муайян карда, дар банди мувофиқ нависед.**

| Шарҳ | Истилоҳ |
|---|---|
| Судҳо меъёрҳои ҳуқуқиро нисбат ба баҳсҳо ва масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ аз рӯйи парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ ва маъмурӣ дар маҷлисҳои судӣ татбиқ менамоянд. | |
| Ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меорад. | |
| Яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии инсон, ки озодии шахсият аз ҳама гуна назорати идеологӣ буда, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад. | |
| Режими сиёсие, ки дар он ҳокимият дар дасти як кас (диктатор) ё гурӯҳи одамон ҷамъ омада, он бо мавҷудияти назорат аз ҷониби давлат, пеш аз ҳама ба соҳаи сиёсӣ, характернок мебошад. | |
| Минтақаҳое, ки дар ноҳияҳои даргир бо мақсади ҳимояи ҳамаи одамон аз хатаре, ки бо ҷанг алоқаманд аст, ташкил карда шудаанд, бидуни фарқият дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок накардаанд, ё ки минбаъд дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок нахоҳанд кард ва ё ҳангоми дар ин минтақаҳо будан минбаъд ягон хел корҳои моҳияти ҳарбидоштаро баҷо намеоварданд. | |
| Гурӯҳест, ки чун қоида нисбат ба қисми дигари аҳолии давлат шумораи камро ташкил дода, мақоми пешбарӣ надорад, аъзои он шаҳрвандони мамлакат буда, соҳиби фарқиятҳои этникӣ, динӣ ё забоние мебошанд, ки онҳоро аз қисми асосии аҳолӣ фарқ мекунонанд. | |

| ! | Холи ҳадди аксари имконпазир – 6, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол. |
|---|---|

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## КОРИ ХАТТӢ

**1** **Андозҳои умумидавлатиро муайян намоед.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | 1 хол |
| 2 | | 1 хол |
| 3 | | 1 хол |
| 4 | | 1 хол |
| 5 | | 1 хол |
| 6 | | 1 хол |
| 7 | | 1 хол |
| 8 | | 1 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 8

**2** **Намудҳои ҷазои барои ноболиғон таъйиншударо муайян намоед.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | 1 хол |
| 2 | | 1 хол |
| 3 | | 1 хол |
| 4 | | 1 хол |
| 5 | | 1 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 5

**3** **Мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро номбар кунед.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | то 2,5 хол |
| 2 | | то 2,5 хол |
| 3 | | то 2,5 хол |
| 4 | | то 2,5 хол |

РОЙГОН. Дар сомонаи www.ntc.tj

| | | |
|---|---|---|
| **5** | | то 2,5 хол |
| **6** | | то 2,5 хол |
| **7** | | то 2,5 хол |
| **8** | | то 2,5 хол |
| **9** | | то 2,5 хол |
| **10** | | то 2,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – то 25

**4** **Принсипҳои адолати судӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфтаанд.**

| | | |
|---|---|---|
| **1** | Моддаи 10 – | 1 хол |
| **2** | Моддаи 17 – | 1 хол |
| **3** | Моддаи 19 – | 1 хол |
| **4** | Моддаи 20 – | 1 хол |
| **5** | Моддаи 84 – | 1 хол |
| **6** | Моддаи 87 – | 1 хол |
| **7** | Моддаи 88 – | 1 хол |
| **8** | Моддаи 92 – | 1 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 8

РОЙГОН. Дар сомонаи www.ntc.tj

**5** **Мутобиқи моддаи 2-и Оинномаи СММ фаъолияти СММ дар асоси кадом принсипҳо ба роҳ монда мешавад?**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | 1 хол |
| 2 | | 1 хол |
| 3 | | 1 хол |
| 4 | | 1 хол |
| 5 | | 1 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 5

**6** **Принсипҳои муҳими стандартҳои ҳадди ақалли қоидаҳои иҷрои адолати судӣ нисбат ба ноболиғонро муайян кунед.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | то 1,5 хол |
| 2 | | то 1,5 хол |
| 3 | | то 1,5 хол |
| 4 | | то 1,5 хол |
| 5 | | то 1,5 хол |
| 6 | | то 1,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – то 9

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj